«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, профессор
Хушвахтзода Қ.Х.
_______________
« 8 » апрели соли 2022.

# ХУЛОСАИ ШУРОИ ОЛИМОНИ ФАКУЛТЕТИ ФИЛОЛОГИЯИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи Миралиева Сарварбӣ Толибовна дар мавзуи **«Лирикаи иҷтимоии Рустам Ваҳҳобзода (ваҷҳаи шоирӣ, мавқеи адабӣ ва масъалаҳои асосӣ)»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик пешниҳод шудааст. Кори диссертатсионӣ дар кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон анҷом дода шудааст.

Миралиева Сарварбӣ Толибовна соли 1993 факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси филолог, муаллими забон ва адабиёти тоҷик хатм намуда, солҳои 1995-1998 дар шуъбаи «Ахбор»-и Телевизиони Тоҷикистон ба ҳайси муҳаррир ва ёвари коргардон, солҳои 1998-2008 дар Иттиҳодияи истеҳсолии нассоҷии тоҷик ба сифати назоратчӣ, солҳои 2008-2009 дар Маркази ҷумҳуриявии иловагии назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳайси мудири шуъбаи техникӣ, солҳои 2013-2017 дар шуъбаи алоқаи №36-и КВД «Почтаи тоҷик» фаъолияти намудааст. Ӯ аз соли 2017 то ба ин замон ба ҳайси муаллими калони кафедраи забонҳои Донишкадаи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон ба фаъолияти омӯзгорӣ машғул аст.

Роҳбари илмии унвонҷӯ доктори илми филология, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, академик Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ мебошад.

Мавзуи диссертатсия дар шурои олимони факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар таърихи 26.04.2019 бо қарори №9 тасдиқ карда шудааст.

Муҳтавои асосии диссертатсия дар 7 мақолаи муаллиф, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтааст.

Диссертатсияи Миралиева Сарварбӣ Толибовна дар мавзуи «Лирикаи иҷтимоии Рустам Ваҳҳобзода (ваҷҳаи шоирӣ, мавқеи адабӣ ва масъалаҳои асосӣ)» дар ҷаласаи кафедраи назария ва адабиёти навини

форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз аз 14 декабри соли 2021, суратҷаласаи №6 баррасӣ ва ба ҳимоя тавсия шудааст.

Диссертатсия дар ҷаласаи васеи шурои олимони факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо иштироки муқарризони холис – доктори илми филология Солеҳов Мирзо Одинаевич ва номзади илми филология, дотсент Олимӣ Хосият Ҳоким муҳокима гардид. Аз маърузаи унвонҷӯ, суолу ҷавоб, баромади муқарризони холис ва муҳокимаи диссертатсия

**чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Адабиёти нимаи дуюми садаи XX ва замони истиқлол аз даврахо ва марҳалаҳои муҳимми таърихи адабиёти давраи нави тоҷик буда, дар доираҳои адабию фарҳангӣ, шаклу анвои адабӣ, ҳаёти иҷтимоӣ ва низоми давлатдорӣ дигаргуниҳои чашмрас ба амал омадаанд. Дар нимаи дуюми садаи XX ва замони истиқлол адабиёт хусусияти миллӣ касб карда, ба аҳли қалам ва зиёиёну равшанфикрон рӯҳи тавоно бахшида, таваҷҷуҳ ба ҳувияти миллӣ, худшиносии миллӣ ва худогоҳию меҳанпарастӣ дар эҷодиёти онҳо ҳарчи бештар падид омад. Ҳамчунин, дар ин марҳила дар доираҳои адабию фарҳанг ва шаклу муҳтавои осори адабӣ тағйирот ва таҳаввулоти зиёде ба амал омада, зуҳури ҷунбиши хоссаи фикрӣ дар назми ин давра аз ҷумлаи чунин дигаргуниҳост. Таҳқиқи густардаи ҳамин гуна тағйирот ва таҳаввулот дар заминаи лирикаи иҷтимоии Рустам Ваҳҳобзода, ки дар диссертатсияи Миралиева С.Т. ба он таваҷҷуҳ шудааст, аз ҷумлаи **вазифаҳои муҳимми илми адабиётшиносист**.

Дар диссертатсияи Миралиева С.Т. таҳқиқи мавзуъҳои Ватану ватандорӣ, Ваҳдату сулҳу субот, ҳувияти миллӣ, худшиносию худогоҳии миллӣ, некию ростӣ, тарғиби илму ҳунар, аз байн бурдани маҳалгароию бегонапарастӣ ва ифротгароӣ, арҷ гузоштан ба суннатҳои қадимаи тоҷикон, васфи арзишҳои миллӣ, ситоиши қаҳрамонҳои асотирию таърихии тоҷикон, гиромӣ доштани забони ноби тоҷикӣ дар ашъори Шоири халқии Тоҷикистон – Рустам Ваҳҳобзода аз ҷумлаи **масъалаҳои мубрами таҳқиқӣ арзёбӣ** шудаанд. Воқеан, Рустам Ваҳҳобзода аз оғози фаъолияти эҷодӣ то ба ин замон бо диду завқи хос ва нуктасанҷиҳои ҷолиб осори пурғановатеро манзури хонандагон намуда, мутаассифона, мавзуъ, муҳтаво ва хусусиятҳои поэтикии ашъори ӯ ба таҳқиқи ҷудогона ва монографӣ фаро гирифта нашудаанд.

Аз ин лиҳоз, таҳқиқи диссертатсионии Миралиева С.Т. ба мавзуъ ва масъалаи мубрами илмӣ бахшида шуда, лирикаи иҷтимоии Рустам Ваҳҳобзода аз назари ваҷҳаи шоирӣ, мавқеи адабӣ ва масъалаҳои асосӣ

баррасӣ гардида, ҳамзамон, ҷойгоҳи шоир дар назми давраи нави тоҷик таъйин гардида, аз аҳаммияти махсус доштани кор гувоҳӣ медиҳад.

**Мақсади аслии таҳқиқи диссертатсионӣ** ва вазифаи аввалиндараҷаи муаллифи он ба таҳлилу баррасӣ гирифтани хусусиятҳои мавзӯӣ ва ғоявию бадеии лирикаи иҷтимоии Рустам ва таъйини нақши шоир дар ташаккулу таҳаввули шеъри тоҷикии давраи нав буда, барои расидан ба ин ҳадафҳо иҷрои **вазифаҳои зерин** зарур ҳисобида шудааст:

- анҷом додани ҷустуҷӯ перомуни зиндагинома ва фаъолиятҳои адабии Рустам Ваҳҳобзода;
- муайян намудани оғози фаъолияти эҷодии шоир, вуруд ба ҳавзаи адабии муосири тоҷик;
- баррасии ваҷҳаи шоирии Рустам Ваҳҳобзода, мавқеи ашъори суннатӣ дар эҷодиёти шоир: манзумаҳо, шеъри нав, ғазал, қитъа, рубоӣ, дубайтӣ, фардбайт;
- таҳқиқ ва таъйини мавқеи Рустам Ваҳҳобзода дар лирикаи иҷтимоии муосир;
- баррасии андешаҳои адабию эстетикӣ дар лирикаи иҷтимоии шоир;
- таҳқиқи масъалаҳои асосии лирикаи иҷтимоии Рустам Ваҳҳобзода: ватан ва ватандорӣ, ҳофизаи таърихӣ, ҳувият ва худшиносӣ, андешапарварии фалсафӣ, ирфонӣ ва ишқӣ, васфи арзишҳо ва муқаддасоти миллӣ;
- таҳқиқи лирикаи медитативӣ-тасвирӣ: васф ва тасвири табиат, васфи инсони худогоҳ;
- таҳқиқи махсусиятҳои ғоявӣ ва ҳунари шоирии Рустам Ваҳҳобзода дар лирикаи иҷтимоӣ.

Муаллиф ба ҳимоя **нуктаҳои асосӣ** ва меҳвариеро пешниҳод намудааст, ки воқеан, дар илми адабиётшиносӣ арзиш ва аҳаммияти зиёд доранд.

**Навгонии илмии таҳқиқ** дар он зоҳир меёбад, ки перомуни эҷодиёти Рустам Ваҳҳобзода то кунун таҳқиқи монографӣ сурат нагирифтааст. Диссертатсияи мавриди назар дар адабиётшиносии тоҷик нахустин таҳқиқи ҷудогона мебошад, ки дар он масъалаҳои алоқаманд ба лирикаи иҷтимоии Рустам Ваҳҳобзода: ваҷҳаи шоирӣ, мавқеи адабӣ ва масъалаҳои асосӣ мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст.

Таҳқиқӣ диссертатсионии мазкур аз ҷиҳати масъалагузориҳо, мавзуи интихобшуда, метод ва равишҳои таҳқиқ ва натиҷагириҳо аҳаммияти махсуси илмӣ дорад.

Баррасии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, хулоса ва тавсияҳо, таҳлилу накди ашъори шоир, муҳокимаю далелсанҷиҳо, асосноккунии назария ва андешаҳои баёншуда аз **саҳми шахсии довталаб** дар таҳқиқ гувоҳӣ медиҳанд.

Диссертант дар раванди таҳқиқ аз **методҳои** муқоисавӣ-таърихӣ, китобхонаӣ, хронологӣ, оморӣ ва таҳлилӣ истифода карда, ба осори илмию назарии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ такя намудааст.

**Арзиши назарии** диссертатсия дар он зоҳир мeёбад, ки таҳқиқи масъалаҳои матраҳшаванда ва равиши таҳқиқии муаллиф дар омӯхтани масъалаҳои ҳамгуни таърихи адабиёти давраи навини тоҷик, такомули назми ду даҳаи охири асри XX ва ду даҳаи аввали асри XXI, баррасии шеъри даврони истиқлоли тоҷик, инъикоси ғояҳои баланди миллӣ дар лирикаи иҷтимоӣ барои адабиётшиносон, донишҷӯён ва дигар алоқамандони шеъри тоҷик ҳамчун маводи назарии илмӣ ёрӣ расонида метавонанд.

**Арзиши амалии** кори диссертатсионӣ дар он зоҳир мeёбад, ки аз маводи диссертатсия, натиҷаи таҳқиқ ва хулосаҳои илмии он дар аснои навиштани мақола, таълифи диссертатсияҳои илмӣ, таҳқиқи паҳлуҳои ҷудогонаи шеъри муосири тоҷик, таълифи китобҳои дарсӣ, асарҳои илмӣ перомуни таърихи адабиёти муосири тоҷик дар давраи истиқлол, дастурҳои таълимӣ барои донишҷӯёну магистрҳо, аспирантон ва унвонҷӯёни факултаҳои филологии донишгоҳу донишкадаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаҳои таҳсилоти махсуси омӯзгорӣ метавон самаранок истифода намуд.

Мавзуи диссертатсияи пешниҳодгардида ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ мувофиқ мебошад.

Диссертатсия дар доираи корҳои илмӣ-таҳқиқии кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таълиф шуда, дар асоси ин нақша марҳила ба марҳила иҷро гардидааст.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.

Хулоса, шурои олимони факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон кори диссертатсионии Миралиева Сарварбӣ Толибовнаро кори илмӣ-таҳқиқии муҳим ва арзишманд меҳисобад. Диссертатсия ва автореферати Миралиева С.Т. дар мавзӯи «Лирикаи иҷтимоии Рустам Ваҳҳобзода (ваҷҳаи шоирӣ, мавқеи адабӣ ва масъалаҳои асосӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат дошта, шурои олимон дар асоси тақризҳои мусбат ва баромади муқарризони холис – доктори илми филология Солеҳов Мирзо Одинаевич ва номзади илми филология, дотсент Олимӣ Хосият Ҳоким онро барои

ҳимоя ва дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

Хулоса дар ҷаласаи васеи шурои олимони факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид.

Иштирок доштанд: 24 нафар аъзои шурои олимон.

Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 24 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест, қарори № 8 аз 29.03.2022.

**Раиси шурои олимон,**
доктори илми филология,
профессор Сироҷиддини Эмомалӣ.

**Муқарризони холис:**
доктори илми филология, профессори
кафедраи таърихи адабиёти тоҷики
факултети филологияи
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Солеҳов М. О.

номзади илми филология, дотсенти
кафедраи назария ва таърихи адабиёти
Донишкадаи давлатии забонҳои
Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода Олимӣ Х. Ҳ.

**Котиби илмии шуро,** дотсент Мавлонзода Ш.

**Имзоҳои С. Эмомалӣ, Солеҳов М. О. ва**
**Ш. Мавлонзодаро «тасдиқ мекунам»:**
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э. Ш.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj

«6» апрели соли 2022

**Имзои Олимӣ Х. Ҳ.-ро «тасдиқ мекунам»:**
**тасдиқ мекунам:**
сардори шуъбаи кадрҳои
Донишкадаи давлатии забонҳои
Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода Наҷмуддинов Ш.

Суроға: 734019, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯч. Ф. Муҳаммадиев 17/6.
Телефон: (+992-37) 232-50-00; (+992) 917-16-07-91
E-mail: ddzt@ddzt.tj

«6» апрели соли 2022.